**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

Қубодиён дар аввали асри XX ҳамчун як минтақаи кишоварзӣ дар тули асри XX ва ибтидои асри XXI дучори таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст.

Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло ба таҳқиқ ва инъикоси таърихи ноҳияи Қубодиён бахшида шуда, аҳаммияти бузурги илмӣ дорад. Диссертатсияи мазкур дар асоси сарчашмаҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маълумотҳои оморӣ, адабиёти таърихӣ ва матбуоти даврӣ омода гардидааст.

Объекти таҳқиқот таърихи ноҳияи Қубодиён дар се давраи таърихӣ: тоинқилобӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ буда, предмети он бошад, омӯзиши раванди рушди ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар заминаи таҳлили доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти таърихӣ бори нахуст масъалаи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар се давраи таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот, объект, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, ҷуғрофияи таҳқиқот, асоси назариявӣ – методологӣ, пойгоҳи сарчашмавӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори диссертатсия зикр шудааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсияро таҳлили масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар давраи тоинқилобӣ замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ фаро гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии ҷамъбастии диссертант оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншуда омода гардида, дар таърихнигории тоҷик маротибаи аввал объекти таҳқиқот интихоб гардидааст. Мазмуни диссертатсия ба автореферат мувофиқат мекунад. Диссертант оид ба рисола 6 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашриёҳои маҷмуаи конференсияҳо аз чоп баровардааст.

Хуллас, автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи **«Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**Дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино"**
**номзади илмҳои таърих** **Абдураҳмонзода З. В.**

**Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, к. Сино, 29-32**
**Тел: (+992) 93 598 44 97**
**E-mail zevar-1986@mail.ru**

имзо/подпись Абдураҳмонзода З. В.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
/ НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«8» 12 2025 с/г